# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 080 назди Институти кимиёи ба номи В. И. Никитини АМИТ ба диссертатсияи Холмуродзода Азизбек Холмурод дар мавзуи "Массаи молекулавӣ ва рафтори гидродинамикии пектин аз манбаъҳои гуногун" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4 - Химия (1.4.7 - Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ)

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати аъзоёни шӯрои диссертатсионии 6D.КОА– 080 назди Институти кимиёи ба номи В. И. Никитини АМИТ, дар ҳайати доктори илмҳои химия Сафаров С. Ш. (раиси комиссияи экспертӣ), доктори илмҳои биология Ҷумъаев Б. Б. ва доктори илмҳои химия Шарофзода Ф. С. (аъзоёни комиссия). Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 080 дар суратҷаласаи (протоколи) № 10 аз 07.05.2026 ба диссертатсияи Холмуродзода Азизбек Холмурод дар мавзуи "Массаи молекулавӣ ва рафтори гидродинамикии пектин аз манбаъҳои гуногун" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4 - Химия (1.4.7 - Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ) масъалаҳои зеринро, барасӣ намуда ба чунин хулоса омад:

Мавзуи диссертатсия ва муҳтавои он ба ихтисоси ***1.4.7 – Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ*** пурра мутобиқ буда ба бандҳои зерини шиносномаи ин ихтисос: (1) физикаи молекулавии занҷирҳои полимерҳо, конфигуратсия ва конформатсияи онҳо, андоза ва шакли макромолекулаҳо, тақсимоти массаи молекулавии полимерҳо; (3) хусусиятҳои асосӣ ва хосиятҳои физикии полимерҳои хаттӣ, шохадор ва конформатсияи онҳо; (4) таҷзияи химиявию физикии полимерҳо ва композитҳо дар асоси онҳо, куҳнашавӣ ва устувории полимерҳо ва маводҳои композитсионӣ; (9) ба мақсади мувофиқ такмил ва коркарди маводҳои полимерии дорои хосиятҳои нав, ки самтҳои истифодабарии онҳоро дар соҳаҳои афзалиятноки илм ва техника муайян мекунанд - муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба шиносномаи ихтисосҳои 1.4 - Химия (1.4.7 - Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ), ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, мувофиқат мекунад.

Мавзуи кори диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дохил карда шудааст. Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иҷрои вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайянгардида мусоидат менамояд, ки дар он яке аз вазифаҳои афзалиятнок бевосита ба мавзуи "Коркард ва татбиқи технологияи истеҳсоли пектин аз афшураҳои меваҷот ва боқимондаи офтобпараст пас аз коркарди равған" тааллуқ дорад.

Муҳтавои диссертатсия дар 11 кори чопӣ, аз ҷумла: 2 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба пойгоҳи байналмилалии "Web of Science", 2 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати КОА (Комиссияи олии аттестатсионӣ)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дохил мешаванд, 7 тезиси маърӯза дар конференсияҳои байналмилалӣ пурра инъикос мешавад. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35 "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 № 295) мувофиқ мебошад;

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути такроршавандагӣ ва мувофиқати маълумотҳои ба даст омада ҳангоми истифодаи тарзҳои физикӣ-химиявии таҳлил, бо истифода аз таҷҳизоти муосир хроматографи моеии (Breez, Waters, ИМА), тасдиқ карда мешавад. Қиматҳои массаи молекулавии ($M_w$, $M_n$ ва $M_z$) барои пектин бо истифода аз хатҳои универсалӣ бо назардошти нишондиҳандаи хоси шикасти нур дар барномаи ASTRA 5.3.4.20 (Wyatt Technology, ИМА) ба даст оварда шудааст. Таҳлили сохти пектин ва маводҳои композитсионӣ бо истифода аз спектрометри РМЯ дар таҷҳизоти РМЯ 14 Tesla (Agilent, ИМА) ва дар спектрофотометри ИС бо табдилдиҳии Фуре (FT-IR Spectrum 65, Perkin Elmer, Швейтсария) ва дигар тарзҳои спектроскопӣ гузаронида шудааст, ки онҳо ба барномаҳои мушахаси оморӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли қиматҳои миёна бо нишон додани дуршавии стандартӣ ифода карда шудаанд. Нишондиҳандаи $P < 0,05$ аз ҷиҳати оморӣ муҳим дониста шуд.

Комиссияи экспертӣ ба диссертатсияи Холмуродзода Азизбек Холмурод дар мавзуи "Массаи молекулавӣ ва рафтори гидродинамикии пектин аз манбаъҳои гуногун" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4 - Химия (1.4.7 - Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" чунин

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Холмуродзода Азизбек Холмурод дар мавзуи "Массаи молекулавӣ ва рафтори гидродинамикии пектин аз манбаъҳои гуногун" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4 - Химия (1.4.7 - Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 1.4 - Химия (1.4.7 - Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:
   - ✓ Абдуллозода Ҳасан Мӯминҷон - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи "Физикаи ҷисмҳои сахт"-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
   - ✓ Юнусов Ҳайдар Эргашович – доктори илмҳои техникӣ, профессор, мудири кафедраи "Химия ва технологияи селлюлоза ва ҳосилаҳои он"-и Институти химия ва физикаи полимерҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон.
3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти кимиёи ба номи В. И. Никитини АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои химия Сафаров С.Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биология Ҷумъаев Б.Б.

доктори илмҳои химия Шарофзода Ф.С.

«25» майи соли 2026